*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои Мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 64 (4647) | ДУШАНБЕ, 15 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ВОХӮРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО КОМИССАРИ ОЛИИ САҲА

**15-уми майи соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссари олии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо оид ба корҳо бо ақаллиятҳои миллӣ Кайрат Абдураҳмоновро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти мулоқот маҷмӯи масоили ҳамкории Тоҷикистону Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳоди он оид ба корҳо бо ақаллиятҳои миллӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА ошкоро ва созанда ҷараён дошта, мо кори Комиссари олии САҲА - ро дар таҳкими эътимоди мутақобила, иттиҳоди иҷтимоӣ ва дарки ҳуқуқи инсон қадр мекунем.

Таъкид гардид, ки сиёсати мо ба таҳкими ҳамаҷонибаи суботи дохилӣ, инчунин, таҳаммулпазирии байни миллатҳо ва динҳо нигаронида шудааст. Ҳукумати Тоҷикистон барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои ҳамаи шаҳрвандонаш, сарфи назар аз миллат, нажод, дин ва забон, чораҳои мушаххас меандешад.

Зимни вохӯрӣ ба масъалаи робитаҳои дуҷониба дар самтҳои таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бахусус дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҳуқуқи башар, аз ҷумла оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ, рушди маориф, фарҳанг ва забонҳо, таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Дар рафти мулоқот, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

**www.president.tj**

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**15 - уми майи соли равон суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслахати Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммедов доир гардид.**

Дар рафти суҳбат маҷмӯи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба, натиҷаҳои сафари давлатии Президенти Туркманистон ба Тоҷикистон, вазъи имрӯзаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷонибҳо зимни суҳбати телефонӣ омодагӣ ба чорабиниҳои сатҳи олии минтақавӣ, аз ҷумла саммитҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Бунёди байналмилалии наҷоти Аралро, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе баргузор мегарданд, баррасӣ карданд.



Дар ҷараёни суҳбат, ҳамчунин, оид ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ андешаронӣ сурат гирифт.

**www.president.tj**

## МУЛОҚОТИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ҶАНГ САНГМИН



**15 майи соли равон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фиристодаи вижаи Президенти Ҷумҳурии Корея, Котиби калон оид ба стратегияи оянда Ҷанг Сангминро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Корея мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Тоҷикистон ба рушди муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Корея баҳои баланд медиҳад. Вусъат додани муносибатҳо бо Корея самти муҳими сиёсати берунии кишвари мо мебошад.

Дар рафти мулоқот муносибатҳои Тоҷикистону Корея дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалию ниҳодҳои молиявӣ, баррасӣ шуда, ба нақши Форуми ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея ҳамчун майдони муҳими ҳамкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Таҳкими ҳамкорӣ дар самти амалисозии лоиҳаҳои иқтисодию сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз самтҳои барои ҳар ду кишвар судовар номида шуд.

Ҷонибҳо дар рафти мулоқот, ҳамчунин, оид ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯйи судманд анҷом доданд.

**www.president.tj**



## САФАРИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БА ШАҲРҲОИ БОКУ ВА МИНСК

**Понздаҳуми майи соли 2023 ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо даъвати Раиси Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон Сагиба Гафарова барои иштирок дар ҷаласаи махсуси Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон бахшида ба 100-солагии Гайдар Алиев, ки 16 - уми майи соли равон дар шаҳри Боку баргузор мегардад ва бо даъвати Раиси Ассамблеяи Парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Вячеслав Володин барои иштирок дар ҷаласаи сайёри Шӯрои Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки 18-уми майи соли равон дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус доир мегардад, ба шаҳрҳои Боку ва Минск сафар намуд.**

Ба ҳайат, ҳамчунин, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода шомил аст.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ТАВСЕАИ ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ ДӮСТИИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ АМРИ ЗАРУРИСТ

**10-12 майи соли 2023 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ва узви Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ, вакили Маҷлиси намояндагон Наҷмиддиниён Файзулло дар ҷашни 50-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Покистон иштирок ва дар мавзӯи «Устувории Конститутсия- кафолати устувории ҷомеа» маърӯза намуданд.**

Ҳайатро дар Фурудгоҳи байналмилалии Исломобод раиси Кумита ва узви палатаи болоии парлумони Покистон хонум Шазия Собиа Сумро пешвоз гирифт.

10-уми майи соли ҷорӣ вохӯрии Маҳмадалӣ Ватанзода бо раиси Ассамблеяи Миллии Ҷумҳурии Исломии Покистон



Раҷа Парвиз Ашраф баргузор гардид.

Зимни он оид ба ҳамкорӣ байни парлумонҳои Тоҷикистону Покистон ва самтҳои муҳими густариши робитаҳои сиёсии ҳар ду кишвар табодули афкор сурат гирифт. Таъкид шуд, ки нақши парлумонҳо дар густариш ва таҳкими равобити дӯстонаи байни ҳар ду кишвар арзишманд аст. Зикр гардид ки фаъол гардонидани Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ амри зарурӣ аст.

Нимаи дуюми ҳамон рӯз ҳайати кишвари мо бо муовини раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Исломии Покистон масоили мубрами дуҷонибаро баррасӣ намуданд. Қайд гардид ки Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Исломии Покистон таъсис дода шудааст ва барои муаррифии он бештар икдом бояд намуд. Ватанзода Маҳмадалӣ изҳори умед намуд, ки мулоқот ба тавсеаи равобити Тоҷикистону Покистон ва рушди ҳамкории байнипарлумонии мо такони тоза мебахшад.

Дар доираи чорабинӣ, инчунин, мулоқоти кӯтоҳ бо раиси Маҷлиси Шӯрои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ доктор Абдулло ибни Муҳаммад ибни Иброҳим оли Шайх, муовини Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон Одил Абиш Оглу Алиев, муовини раиси Шӯрои давлатии Салтанати Уммон Шайх ал - Хаттоб ибни Ғолиб, ҳайати Ҷумҳурии Исломии Эрон, сенаторони парлумони Покистон ва дигарон сурат гирифт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### 15 май - Рӯзи байналмилалии оила

## НОМЗАДКУНИИ БАРМАҲАЛ ВА ПАЙОМАДҲОИ МАНФИИ ОН

**ҶАВҲАРӢ Муҷибахон Одил,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



### НОМЗАДКУНӢ ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?

**Номзадӣ давроне аст, ки баъд аз мувофиқат кардани ду нафар барои издивоҷи оянда шурӯъ мешавад. Қарордоди номзадӣ боиси пайдоиши уҳдадории нави ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар муносибати хешовандӣ мегардад.**

Номзадӣ санад ва расмиёти қонунӣ надорад. Монанди қарордоди шифоҳие мебошад, ки баъд аз хостгорӣ омадани ҷониби мард, миёни ду тараф ба анҷом расонида мешавад. Ин маънӣ дар маъракаи номзадӣ бо ангуштарӣ ва ё радду бадал кардани ҳадяҳо ба арӯс анҷом мепазирад. Аслан номзадӣ муҳлати муайян надорад, вале агар тарафҳо ин марҳиларо аз 5 то 9 моҳ муайян намоянд, ин барои шинохт ва омодагӣ ба издивоҷ хубтар аст.

Дар ҳолати тӯл кашидани даврони номзадӣ хастагӣ ва дилсардиҳо ба миён омадан мумкин, ки ин ба ду тараф садамаи равонӣ мерасонад.

Дар Юнони кӯҳан маросими номзадӣ чун муомилаи тиҷоратӣ ба таври қарордоди шифоҳӣ байни домод ва падари духтар сурат мегирифт, ки дар он духтар иштирок намекард.

Аз соли 2007 дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд ва дар моддаи 10-и қонуни мазкур зикр гардидааст: «Ташкили маъракаҳои фотиҳаи тӯй, маслиҳатошӣ, идонабарӣ... манъ карда шудааст». Қабл аз тасвиби қонуни мазкур ин маросимҳо пурдабдаба ва бо харҷи зиёд гузаронида мешуд. Ҳоло дар кишвари мо бисёр маврид аз ҷониби домодшаванда ба хонаи духтар хостгорӣ меоянд ва маросими номзадӣ ба сурати меҳмонии маъмулӣ, бо суҳбат доир ба издивоҷи ҷавонон, муайян кардани рӯзи тӯй, таҳияи феҳристи меҳмонон гузаронида мешавад.

### СИННУ СОЛИ НОМЗАДШАВӢ ВА МАРОСИМҲОИ ТО АҚДИ НИКОҲ

Солҳои охир дар баъзе деҳоти дурдасти кишвар номзадкунии бармаҳал амри воҷиб шудааст. Духтар, ки 14 ё 15 - сола шуд, бояд дари онҳоро хостгорҳо кӯбанд ва волидайни духтар бо калонсолони оила маслиҳат намуда, барои ба шавҳар додани духтарашон ризоият диҳанд. Аҷиб он аст, ки волидайн ё худи духтар дар интихоби домодшаванда баъзан дуруст андеша намекунанд. Бештар ба ҷанбаи моддиёт, масоили иқтисодӣ меандешанд.

Дар бораи соҳибтахассусии домоди оянда касе чизе намепурсад. Мабодо хостгорҳо худашон изҳор кунанд, ки писарашон 24-27 - сола аст, волидайни духтар ва худи духтар дар ҳайрат афтида, дарҳол мепурсанд, ки чаро то ҳол оиладор нест? Бале, ҷавони 27 - сола ба назари мардуми деҳ калонсол менамояд. Ба назари онҳо номзадшавандагон, духтар 14-15 сола ва писар 17-18 сола бояд бошад!

Ин намуди номзадкунӣ, ки тамоюли яке аз маросими мардумӣ шуданро касб кардааст, дар хонаи духтар бо иштироки 3-4 намоянда аз ҷониби домодшаванда барпо мегардад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад

# РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КИШВАР: ВАЗЪ, МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

**Чанде пеш бо ин ном дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмию амалӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони вазорату муассисаҳои дахлдори давлатӣ, олимони муассисаҳои илмию таълимӣ, коршиносон, соҳибкорон ва рӯзноманигорон ширкат варзиданд. Ҳадафи баргузории конференсия таҳлили ҳолати кунунӣ, дарёфти роҳҳои боз ҳам беҳтар намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои соҳибкории истеҳсолӣ арзёбӣ гардид.**

Конференсияро директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода ифтитоҳ намуд. Номбурда қайд кард, ки агар аз ҷониби бонкҳо ва ташкилоти қарзӣ ба аҳолӣ ва соҳибкорон қарзҳои имтиёзнок зиёд пешниҳод шавад, суръати рушди соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ афзуда, сатҳи зиндагӣ, баланд гардида, монеаҳо бартараф хоҳад шуд. Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 декабри соли 2022) чунин таъкид намуданд: «Бонки миллӣ якҷо бо Вазорати молия, «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намояд».

Сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои соҳибкорӣ ва инкишофи бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегӣ Амин Одинаев дар мавзӯи «Масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар: дастовард ва мушкилот» маърӯза кард.

Иштирокдорон мавзӯъҳои дигар, аз ҷумла «Дастгирии рушди соҳибкорӣ дар низоми бонкӣ», «Кодекси андоз дар таҳрири нав ҳамчун механизми дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ», «Нақши сода гардондани раванди барасмиятдарории гумрукӣ ва имтиёзҳои пешниҳодшуда дар рушди соҳибкории кишвар», «Соҳибкории истеҳсолӣ - омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Ҳадафи мо – рушди фаъолияти соҳибкорӣ» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТ МАНЗАЛАТИ ЗАНОНРО БОЛО БУРД

**13-уми майи соли равон бо ташаббуси Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ якҷоя бо Бахши кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат дар толори бинои «Ақди никоҳ»-и шаҳр Рӯзи байналмилалии оила таҷлил гардид, ки дар он роҳбарияти шаҳр, раисони Ҷамоати шаҳраку деҳот, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳанг, намояндагони идораву корхонаҳо, оилаҳои ҷавон ва пирони рӯзгордида иштирок доштанд.**

Мудири Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳри Ваҳдат Шоира Шарифзода аҳли толорро ба ин ҷашни фархунда табрик гуфта, иброз дошт, ки баробарии мардону занон қисми таркибии сиёсати давлатии Ҳукумати Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Муҳимтарин ҳуҷҷате, ки иштироки занонро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва идораҳои давлатӣ фароҳам оварда, фаъолияти онҳоро дар ҷомеа равнақу ривоҷ бахшидааст, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани



мақоми зан дар ҷомеа» аст. Аз ин лиҳоз, Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои тақвият ёфтани дастурҳои Сарвари давлат ҳамвора талош меварзад.

Раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода гуфт: «Тарбияи фарзанди солим, қавииродаву солеҳ ва ватандӯст барои миллати тоҷик яке аз вазифаҳои муқаддаси оила ва ҷамъият ба шумор меравад. Агар дар оила ба тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ зоҳир шуда, онҳоро солиму солеҳ ба воя расонида, ба ташаккули шахсияташон аҳамияти зарурӣ диҳем, онҳо дар ҷомеа мавқеъ пайдо мекунанд. Албатта, ин рисолатро оилаҳое анҷом дода метавонанд, ки комилан солим бошанд».

Тибқи натиҷаи озмуни «Оилаи беҳтарин» хонаводаи Фотима Табарова ғолиб эътироф гардида, бо диплом ва туҳфаи хотиравӣ қадрдонӣ гардид. Ҳамчунин, ба бист тифлаки навзоди ятим ва оилаҳои камбизоат шаҳодатномаи таваллуд тақдим ва ба ду маъюб кумаки молиявӣ расонида шуд.

Зимни ҷашни мазкур тӯйи хонадоршавии ду ҷуфт баргузор шуда, аз ҷониби раиси шаҳр Шаҳодатномаи ақди никоҳ дар вазъияти тантанавӣ ба навхонадорон тақдим гардид.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**



# РАМЗУ ҲИКМАТИ «ЗОЛ ВА РУДОБА»

## Бардошт аз намоиш дар Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту - 2023»

**Ҳунармандони театр дар доираи Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту - 2023» дар шаҳри Душанбе ба ҳам омадаанд. Маросими оғози ин чорабинӣ 27-уми апрели соли равон дар Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шуд. Он ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 85-солагии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Хушназар Майбалиев бахшида шуд.**

Муовини якуми вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Обид Назариён соҳибистиқлолии кишварро барои театри тоҷик марҳилаи нави рушд арзёбӣ намуда, аз ҷумла чунин гуфт: «Театр дар таърихи чандҳазорсолааш чун воситаи инъикосгари вазъи иҷтимоии ҷомеа дар пешрафти он такони ҷиддӣ бахшидааст. Ин аст, ки замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар муассисаҳои нави фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳо, мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар ин росто вазифаи мо - хоса аҳли театр офаридани асарҳои баландпояи ватандӯстона ва ба ин восита дар рӯҳияи садоқат ба Ватан тарбия кардани насли наврас мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ нақши муҳим мегузорад».

Иттилоъ гирифтем, ки тӯли як сол аҳли эҷоди театрҳои кишвар 100 намоиши нав рӯи саҳна оварданд.

**«ЗОЛ ВА РУДОБА»**

Нахустин намоише буд, ки баъд аз маросими ифтитоҳи фестивал дар доираи ҷашнвора манзури тамошогарон гардид. Онро ҳунармандони Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар дар таҳияи коргардони ҷавон Баҳром Қурбонзода (таҳиягари матни асар драматурги шинохтаи ҷумҳурӣ Ҷумъа Қуддус) манзури ҳаводорони санъати театр намуданд. Аҳли толор барои намоиш кафкӯбии бардавом карда, коргардонро ба саҳна хонданд, ки инро метавон як навъ қаноатмандии тамошогарон арзёбӣ кард.

Аввалин чизе, ки зеҳни бинандаро банд менамояд, интихоби мавзӯъ мебошад. Ба назари мо коргардон дар интихоб комёб шудааст. Комёбӣ дар он зоҳир мегардад, ки «Зол ва Рудоба» аз достонҳои ошиқонаи «Шоҳнома» - и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба шумор меравад ва он тараннумгари ишқи беолоиш, садоқату устуворӣ мебошад. Нуктаи ҷолиби дигар он аст, ки мавзӯъ дар адабиёт ва ҳам драматургияи ҷаҳон ҷовидонӣ аст.

Намоиш аз зода шудани Зол писари Сом - ҳокими Зобулистон оғоз мегардад. Мухтасари қисса ин аст: Сом, аз он ки писараш бо мӯю абрӯи сафед ба дунё меояд, ношод шуда, аз баҳраш мегузарад. Амр медиҳад навзодро ба Албурзкӯҳ партоянд. Симурғ тифлаки маъсумро аз марг мераҳонад. Ӯро ба камол мерасонад. Зол баъди бузург шудан бо падараш Сом во меҳӯрад. Баъдтар ба Рудоба духтари Меҳробшоҳи Кобулистон ва малика Синдухт, ки аз нажоди Заҳҳоканду аз азал бо ҳам душман ошиқ мешавад. Кинаву адоват ва қассосгирии ду қавм садди ишқи онҳо шуда наметавонад. Зол ба Фаридун - шоҳи кишвари Эронзамин хитоб мекунад, ки миёни ин ду қавм садсолаҳост ҷанг идома дорад, аммо анҷоми он маълум нест. Ӯ шоҳро бовар мекунонад, ки танҳо муҳаббати воқеӣ метавонад боиси дӯстии ҳар ду қавм гардад. Ҳамин тавр, Зол ва Рудоба ба висоли ҳам мерасанд, ки аз онҳо Рустам ба дунё меояд. Намоиш бо ба дунё омадани Рустам меанҷомад, ки басо рамзист.

Саҳнавӣ намудани достони эпикӣ ё ҳар навъ рухдоди таърихӣ кори чандон саҳл нест. Аз коргардон дониши фарох, ҷустуҷӯву заҳмати зиёд талаб мекунад. Ба ғайр аз ин, рӯи саҳнаи ҳунар ба вуҷуд овардани фазои бофтаи таърихӣ ва ба ин восита тамошогарро дар олами хаёл ба гузаштаи дур бурдан заҳматест сангин. Дар ин самт шояд баъзе номавзуниҳое бошанд, ки мунаққидон ва таҳқиқгарони соҳа хубтар дарк мекунанд. Ба назари мо, ҳунармандон Муҳаммад Шомуддинов, ки нақши Сом, Фирдавси Турдиалӣ - Зол, Саидзода Отахон - шоҳ Манучеҳр, Дилафрӯз Саидова - Рудоба, Меҳринисо Ҳоҷибоева-Синдухт, Шукурзода Қурбонмуҳаммад - шоҳ Меҳроб, Бобинисо Боқиева - модари Сом ва Ҷамила Юсупова, ки нақши Каписоро иҷро намуданд, моҳияти аслии достонро ба тамошогарон расонида тавонистанд, ки боиси таҳсин аст.

Тамошогари закӣ аз пасманзари воқеаҳои намоиш мубориза барои ягонагии давлат, расидан ба ваҳдати комил ва гузашта аз ин, роҳҳои дурусти расидан ба ваҳдатро дармеёбад.

Коргардон аз тариқи намоиш гӯё аз бузургвор Фирдавсӣ ба мо паём мерасонад. Мехоҳад бигӯяд, ки агар муҳаббат самимӣ бошаду орӣ аз адоват, агар инсонҳо барои рафъи мушкил тадбир андешанду аз хирад кор бигиранд, нифоқ аз миён хоҳад рафт.

Воқеан, дар шароите ки ҷаҳон ба гирдоби муноқиша табдил ёфтааст, манзури тамошобин намудани чунин намоиши ҳувиятсоз мувофиқи мақсад мебошад.

Дар доираи Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту- 2023», ки то 4-уми майи соли равон идома дошт, 18 театри касбӣ бо беҳтарин намоишҳои таҳиякардаи хеш ширкат варзиданд. Дар доираи ин чорабинӣ ду суҳбати гирди миз - «Хушназар Майбалиев-арбоби барҷастаи санъати тоҷик» ва «Вазъи кунунии театрҳои Тоҷикистон» баргузор шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# НОМЗАДКУНИИ БАРМАҲАЛ ВА ПАЙОМАДҲОИ МАНФИИ ОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Намояндагони домодшаванда бо армуғони зиёд (харҷи армуғонҳо то 10-12 ҳазор сомонӣ) ба маросими фотеҳакунӣ меоянд. Ҷониби духтар дастархони пуранво мекушоянд ва баробари фотеҳаи сафед додан ба меҳмонон либосҳои замонавӣ туҳфа медиҳанд. Баъд аз ин рӯз ҷавону духтар фотеҳакарда (номзадшуда) ба ҳисоб меравад.

Ҳар тамоюле сабабу омилҳои хешро дорад. Замони шӯравӣ марҳилаи аввали баъдишӯравӣ зуҳуроти номзадкунии бармаҳал ба истиснои падидаи «гаҳворабахш» тамоман вуҷуд надошт. Ин падида - «Гаҳворабахш» дар замони шӯравӣ зери тозиёнаи танқид қарор мегирифт ва аҳён ҳодисаҳое ба назар мерасид, ки баъзе оилаҳо ин анъанаро идома медоданд, албатта, пинҳонӣ. Имрӯзҳо ҷойи гаҳворабахшро «номзадкунии бармаҳал» гирифтаву аз деҳаҳо ба шаҳр интиқол ёфтааст. Тамоюли номзадкунии бармаҳал ҳам аз охирҳои солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфта, омилҳои гуногун дорад. Яке аз он хуруфот - ақидаҳои беасоси динӣ мебошад. Тибқи ин ақида, волидон бояд, ки дар 14-15-солагӣ духтарашонро ба ҷавоне фотиҳа намоянд, то духтар ба ҷавони дигаре дил набандад. Сабаби таассуб ва тақлид аст, ки агар яке аз хешон ва ҳамсоягон духтарашонро барвақт бо оилаи обрӯманде номзад карданд, дигаре ҳам ин корро ҳатман анҷом медиҳад. Савум, ин аз манзалати худи модарон вобастагӣ дорад. Онҳое, ки соҳибтахассус нестанд, образи зиндагии хешро авлотар аз ҳама гуна тарзи зисти дигарон мебинанд ва ба шавҳар баромадани духтарро беҳтар аз таҳсил кардану соҳибҳунар шудан медонанд. Шароит фароҳам меоранд, то духтарони худро бармаҳал номзад намоянд, агар барвақттар ва ба хостгори мувофиқ надиҳанд, «бозори» духтар коста мешавад.



Дар ин росто барои писарон омилҳои бармаҳал номзадшавӣ фарқият дорад ва омил ягона аст: рӯй тофтан аз хизмати ҳарбӣ. Бо роҳи бармаҳал номзад ва сипас оиладор шудан соҳиби ду фарзанд мегарданд, бо ҳамин уҳдадории ҳарбӣ аз дӯшашон бардошта мешавад.

**ПАЙОМАДҲОИ МАНФИИ НОМЗАДШАВИИ БАРМАҲАЛ**

Маҳатма Гандӣ гуфта буд: «Агар мард бесавод монад, фоҷиаи танҳо ӯст, агар зан бесавод монад, фоҷиаи миллат аст». Умдатарин пайомади манфии номзадшавии бармаҳал ин бе ихтисос ва бе касб мондани модари оянда аст. Суоле пеш меояд, ки дар авҷи рушди илму техника модари оянда, ки талош барои соҳибихтисос шудани хеш надорад, чӣ гуна ба фарзандонаш тарбия медиҳад? Олами ахлоқу адабро чӣ сон ба рӯи фарзандаш мекушояд? Магар дар ин муҳит олиму нависанда, ихтироъкору кашшоф ба воя мерасад?

Корбарон омӯхтаанд, ки маҳз номзадшавии бармаҳал сабаби пошхӯрии оилаҳо мегарданд. Сабаби асосии пошхӯрии оилаҳо омода набудани зану шавҳар ба зиндагии якҷоя ва дахолати шахсони калонсоли хонадон аст. Яке аз падидаи манфии зуҳуроти мазкур ин аст, ки то ба синни никоҳӣ даромадани номзадҳо аз ҳар ду тараф хароҷоти зиёдро тақозо менамояд. Айёми иду зодрӯз ҳар сол тарафҳо ба ҳам туҳфа ирсол менамоянд. Баъзан ҳимматҳои тарафайн ба ҳам мақбул намешавад ва боиси шикастани фотеҳа мегардад.

Мақомотҳои дахлдор, волидон, омӯзгорон, ашхоси барӯманди маҳалро зарур аст, ки сари вақт нисбат ба пешгирии ин зуҳурот чораандешӣ намоянд.



# АВВАЛИН БИНОИ ПАНҶОШЁНАИ ИСТИҚОМАТӢ ДАР БАЛҶУВОН

**Дар ноҳияи Балҷувон иқдомҳои зиёди созандагию ободонӣ амалӣ гардида, аз ҷумла, сохтмони бинои панҷошёнаи хонаи истиқоматӣ бомаром идома дорад.**

Тавре аз шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия иттилоъ доданд, ин аввалин бинои панҷошёна дар маркази ноҳияи Балҷувон мебошад.

Сохтмони бинои мазкур соли 2021 оғоз гардида, ба эъмори он ҶДММ «Ганҷи дарё» машғул аст. Он аз 42 ҳуҷраи сехонагии васеъ ва барҳаво иборат буда, 80 фоизи корҳои сохтмонӣ ба анҷом расидааст.

Гуфта шуд, ки дар баробари сохтмони ин иншоот ду бинои сеошёна ва се бинои дуошёнаи истиқоматӣ қомат афрохтанд.

Алҳол дар 49 иншоот корҳои сохтмонӣ идома дошта, 200 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

То моҳи апрели соли ҷорӣ 30 иншоот, аз ҷумла корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахш, маркази савдо ва хизматрасонии «Фарзона», маркази саломатӣ дар деҳаи Охбулоқ, хатти оби нӯшокӣ аз деҳаи Калтачинор ба масофаи 4 километр ва бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# МИНҲОҶ ҒУЛОМОВРО ДУШМАНОНИ ИЛМУ МАЪРИФАТ КУШТАНД

**6-уми майи соли 1996 аз дасти қотилони хуношоми наҳзатӣ риштаи умри ходими намоёни давлатӣ ва илми тоҷик, доктори илмҳои тиб, узви вобастаи Академияи илмҳои тибби ИҶШС, профессор Минҳоҷ Ғуломов барканда шуд. Аз ин фоҷиа солҳои зиёде гузашта бошад ҳам, аммо кору пайкор ва хидматҳои шоёни ин ходими сарсупурдаи илми тоҷик дар хотираи аҳли илму адаб ва фарҳангу маърифат нақши ҷовидон дорад.**

Минҳоҷ Ғуломов то охири умр ҳамчун сармутахассис-психиатри Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз аввалин нафаронест, ки дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ беморхонаи наркологӣ бо шуъбаи эҳёгариро ташкил намудааст. Номбурда 26 сол дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дар вазифаи муовини ректор оид ба корҳои илмӣ фаъолият дошт. Ӯ муаллифи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи расонидани кумаки психиатрӣ» мебошад. Ҳамчун мутахассиси варзида ҷонишини раиси Ҷамъияти умумииттифоқии илмии психиатрҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон низ буд ва солҳои охири ҳаёт ба ҳайси ноиби президенти Федератсияи ҷамъиятҳои илмӣ ва Ассотсиатсияи психиатрҳову наркологҳои мамлакатҳои ИДМ, инчунин президенти Ассотсиатсияи психиатрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти босамар дошт.

Боиси ифтихор ва сарфарозии миллати соҳибхираду илмофари тоҷик аст, ки донишманди пуртаҷриба ва табиби ҳирфаӣ Минҳоҷ Ғуломов соли 1986 узви Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии психиатрҳо интихоб гардида, ягона олими даврони шӯравӣ буд, ки дар ин ташкилоти бонуфузи байналмилалии тандурустӣ коршинос (эксперт) оид ба масъалаҳои психиатрия ва наркология таъин гардид.

Ба қалами ин донишманд ва муҳаққиқи маъруф зиёда аз 377 таълифоти илмию методӣ, аз ҷумла 4 китоби дарсӣ, 18 монографияи илмӣ, 35 тавсияи методӣ ва ихтироот, инчунин 15 кори илмии дар мамлакатҳои хориҷи дур нашршуда, тааллуқ доранд.

Китоби дарсии таълифнамудаи Минҳоҷ Ғуломов «Психиатрия», ки соли 1993 чоп шудааст, ҳоло ҳам дар доираҳои илмии тибби кишвар ва хориҷи дуру наздик дар истифода мебошад. Айни ҳол падидаҳои психопатологии гуногунияти психозҳо, ки онҳоро ин муҳаққиқи бузурги соҳаи тиб дарҷ намудааст, дар илми тибби муосир номи ӯро гирифтаанд. Инҳо: Варианти галлюсинатории синдроми автоматизми психикии Ғуломов (Гулямова галлюцинаторный вариант синдрома психического автоматизма), Галлюсинатсияи даҳону гулӯгии Ғуломов (Гулямова ротоглоточные галлюцинации), Синдроми Кандински-Клерамбо- Ғуломов (Синдром Кандинского-Клерамбо-Гулямова) ва ғайра. Бо роҳнамоии Минҳоҷ Ғуломов 35 нафар номзад ва 3 нафар доктори илм гардидаанд.

Минҳоҷ Ғуломовро дар якҷоягӣ бо ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, профессор Юсуф Исҳоқӣ ва ронандаи мошини хизматии донишгоҳ Виктор Худяков хоинони ватану миллат дар бунбасти кӯчаи Варзоб ГЭС-и Поёни шаҳри Душанбе, назди хонаи 10 бераҳмона ба қатл расониданд.

Куштори ин фарзандони ҳушманду илмофари миллати тоҷик бо дастури наҳзатиёни террорист, аз ҷониби қотилону одамкуш ва дастпарвари гурӯҳҳои ҷиноии наҳзатиён, Раҳмон Сангинов бо лақаби Раҳмон- Гитлер амалӣ шуд.

Мардуми тоҷик хуб медонанд, ки ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон наҳзатиёни террорист ба хотири ба даст овардани ҳукумат ва сохтани давлати исломӣ дар талошу иғвогарӣ ва назоъангезӣ дар миёни мардум буданд. Бо гузашти як сол аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон наҳзатиёни бадманиш бо иғвову дасиса ва сӯиистифода аз дину мазҳаб тавонистанд мамлакатро ба майдони ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор намоянд.

Агар ба воқеияти таърихӣ назар андозем, чунин хоинони миллату давлатро дар симои ташкилоти экстремистӣ ва террористии наҳзати ислом мушоҳида намудан мумкин аст, зеро маҳз фаъолияти ин ташкилоти экстремистӣ ва террористӣ дар Тоҷикистони пасошӯравии солҳои 90-уми асри гузашта яке аз омилҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат ба шумор меравад.

Дар он солҳои пурошӯб ва аз лиҳози сиёсӣ мураккаб аъзои ташкилоти террористии наҳзати ислом ба ғоратгарӣ ва куштори аҳолии осоишта, бахусус шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистони соҳибистиқлол даст мезаданд. Барои онҳо миллату давлат ва истиқлолияти онҳо ҳамчун арзиши олӣ вуҷуд надошта, бо дастури хоҷагони хориҷии худ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар ватани биҳиштосоямон сулҳу ваҳдат ва ягонагии мардумро халалдор намоянд.

Бешубҳа, мардуми Тоҷикистон, ки дар даҳсолаи аввали истиқлолияти давлатӣ аз дасисаву иғвоангезии ин ҳизби ба хоҷагони хориҷии худ фурӯхташуда дарси бесобиқаи таърихӣ гирифтааст, минбаъд ба иғвои навбатии аъзои бемиллату беватани он дода намешавад. Зеро дилхоҳ фард, ки худро фарзанди асили ин сарзамин меҳисобад, барои пойдории ягонагии марзу буми Ватан, мустаҳкам гардидани ваҳдати миллӣ, барои баланд бардоштани нуфуз ва обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҷидду ҷаҳд намуда, ҳеҷ гоҳ фирефтаи дасисаҳои пайравони ин ҳизби хоин нахоҳад шуд.

Варақгардон намудани зиндагиномаи Минҳоҷ Ғуломов барои насли ҷавони замони соҳибистиқлолии кишвар сабақомӯз мебошад, зеро барои расидан ба чунин рӯзҳои пурсаодат маҳз олимону донишмандон кӯшишу талош намуда, ҷони худро барои пешрафти илм бохтаанд.

Аз зиндагиномаи Минҳоҷ Ғуломов бармеояд, ки ин донишманди соҳибнуфуз 3 сентябри соли 1923 дар гузари Қӯшҳавзи шаҳри Самарқанд ба дунё омада, соли



1952 факултети муолиҷавии Донишкадаи тиббии Самарқанд ба номи И. П. Павловро бо баҳои аъло хатм кардааст. Солҳои 1952-1954 ординатори Институти психиатрияи назди Вазорати нигоҳдории тандурустии ИҶШС, 1954-1957 аспиранти Институти умумииттифоқии тадқиқотии илмии психиатрияи умумисудии ба номи В. П. Сербский, 1957 - 1960 роҳбари Маркази ҷумҳуриявии клиникии психиатрия, 1960-1996 мудири кафедраи психиатрия ва наркологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва аз соли1974 ноиби ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино буд.

Бо ибтикори ӯ дар мамлакат аввалин марказҳои эҳёи психиатрии кӯдакон таъсис дода шудаанд. Соли 1964 М. Ғуломов ба унвонҳои Духтури хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Аълочии Вазорати саноати химияи Ҷумҳурии Халқии Булғористон сазовор ва соли 1986 эксперти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар соҳаи психиатрия ва наркология таъин гардид.

Мероси илмии ӯ бештар ба масъалаҳои умдаи психиатрия бахшида шудаанд. Бори нахуст алоқаи патогенез (сарчашма)-и алоими Кандинский (автоматизми рӯҳия) - ро бо бемориҳои асосӣ (масалан, шизофрения - маҷзубият), ки дар онҳо иллати мазкур хурӯҷ мекунад, муайян намудааст.

Донишманди пуркор ва олими мумтоз Минҳоҷ Ғуломов муаллифи беш аз 377 таълифоти илмӣ, 18 монография, 13 кашфиёт, 8 китоби дарсӣ, 48 дастури таълимӣ буд. Китобҳои дарсии «Луғати истилоҳоти эпиномикӣ дар равонпизишкӣ» (Киев, 1984), «Психиатрия» (Душанбе, 1993), «Равонпизишкӣ» (Душанбе, 1996), дастурҳои таълимии «Шакли таваҳҳуми алоими автоматизми равонӣ», «Таваҳҳуми даҳонуҳалқӣ», «Алоими Кандинский-Клерамбо» ба қалами вай тааллуқ доранд.

Ин олими намоёни соҳаи тибби Тоҷикистон «Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (1977), ордени «Ленин», ордени «Револютсияи Октябр», ду ордени «Нишони фахрӣ», нишони «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон» (пас аз марг), медал ва ифтихорномаҳои зиёди соҳавиро сазовор гардидааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи Минҳоҷ Ғуломов гузошта шуд.

Агар риштаи умри академик Минҳоҷ Ғуломов фоҷиабор аз дасти қотилони наҳзатӣ канда намешуд, соҳаи тибби кишвар боз ҳам бештар рушду нумӯъ мекард ва шуҳраташ дар дунё афзун мегардид. Воқеан, ҳар кӣ он даравад, ки киштааст. Имрӯз фаъолияти ташкилоти террористии ҳизби наҳзат мамнӯъ гардидаву тарафдорону ҳаводорони иғвогару дасисапароканонаш барои мардуми кишвари мо нафринзада боқӣ мондаанд, вале номи неку хотираи неку асарҳои ҷовидонии донишманди мумтоз ва олими намоёни соҳаи тиб Минҳоҷ Ғуломов ҳамеша дар хотири олимону донишмандон ва кулли мардум боқӣ мемонд. Равонаш шод бод!

**Ардамеҳр АШУРЗОДА, номзади илмҳои сиёсӣ**

# СОЯРӮШАН

## (Порае аз роман)

... Ин ду ҳамсол қариб ҳар бегоҳӣ, дар ҳолати софу салқин будани ҳаво ба кӯча баромада, соате ё зиёдтар аз он, то лаҳзаи расидани намози шом, гоҳо дар паси девори бари роҳ ва баъзан дар назди қатори арчаҳо дурудароз суҳбат мекарданд. Гӯё, нӯги риштаи қисмати дунё дар дасти ҳар ду бошад, ба панҷаи фаҳми худ мехоҳанд гиреҳҳои мавҷудаи онро кушода, дароз буданашро гоҳо тасдиқ мекунанд ва гоҳо қанданашро тахмин мезананд. Пешгӯиву кашфиёт ва тағйироти замону маконро ба як пули пучак баробар карда, ақидаҳои комилу ҳукми баровардаи худро одилона баррасӣ менамоянд. Аз тарзи гуфтору баҳодиҳӣ ба воқеаҳои вақту атроф бартарии зиёди диду дарки як бар дигаре эҳсос мешавад. Суҳбати ҳаррӯзаи онҳо аз пурсупоси одӣ, фаҳмидани ҳолҳои хонавода, рӯйдоди гузар ва кӣ соҳиби чӣ шудан оғоз шуда, то роҳи калони масъалаҳои муҳими дигаргунии ҷаҳону табаддулоти замон ва ба тағйирёбии иқлиму садамаҳои бузург рафта мерасад. Вале ғайричашмдошт гуфтори ин бегоҳ мисли оташи рӯ ба боло оварда, аз замин ба осмон гузашт.

- Моҳи навро дидӣ?

- Не!

- Ҳо, ана, дуртар аз абрҳо. Дар бараш боз як ситора пайдо шудаст, ин бесабаб нест, чӣ хосияту паёмаде дорад, - ба ангушти чоруми дасти росташ ишора кард Усто Барот.

- На моҳи навро дидаму на ситораро. Вақтҳои охир чашмони хатхӯрдаам наздикбин шудаанд, дурро он қадар хуб намебинанд, вале бе ҳеҷ шубҳа гуфта метавонам, ки он ситора мӯъҷизаи моҳ аст, зеро дар ин замон бисёриҳо мӯъҷиза доранд, хусусан тӯдаи нопокону ҷиноятқорони аз сояи худ тарсанда. Дар сари дили одамони поку беолиш андешаи нохубу нишонаи тарс ҷо намеёбад, ҳатто онҳо фурсат ба сояи худ эътибор доданро надоранд.

- Рост, вале бахшиш, ки аз роҳи мақсад андак берун баромадӣ. Аз афташ хостӣ, ки аз ҷавоб ҷонатро халос карда, аз сарҳади гуфтугӯ канортар биравӣ. Ин ҷо баҳонаву худмуҳофизӣ ба кор намеравад. Агар таъкидамро фаромӯш карда бошӣ, ба ёдат меорам. Борҳо ёдрас карда будам: фикри чашмонатро бикун, бисёр нахон, кӯр мешавӣ, ба гапам эътибор надодӣ ва акнун натиҷаашро дидӣ. Дигар нури гумкардаро мисли оби рехта ҷамъ карда наметавонӣ.

- Кам дидану надидан нишонаи кӯрӣ нест. Кӯрӣ огоҳ набудан аз розу ниёзи оламу одам, ба воқеаҳо баҳо дода натавонистану ба саволҳо посух наёфтан аст. Яъне, аз хондан не, аз нахондан кӯртар мешавӣ, ба дунё меоию маънои ҳастиро нафаҳмида, ба теғи нодонӣ тифлони орзуҳоро шаҳид карда, мисли гирдбод ба сари мақсади номаълуми худ кӯч пошида, монанди ҳайвон бехабар ва бе ному нишон меравӣ. Далелҳо тасдиқ мекунанд, ки гоҳо камхонҳо низ ба чунин ҳолати ногувор гирифтор мешаванд. Сайри ҷаҳон накарда, метавонам аз ҳамин гирду гӯшаи аз ҳама наздики диёр мисол орам. Чашмони Манучеҳри даҳсолаи Сабури бузкаш қобилияти бинонишонро гум карда истодаанд, ба ин чӣ мегӯӣ? Табиб гуфтааст, ки дигар на дорую чашм, на шираи талхаи кабки рав ва на сурмаи ҳиндию афғонӣ нури чашмонашро барқарор карда наметавонад, нобино шуданаш аз эҳтимол дур нест. Қорӣ Амони гузари ҳамсояро хуб мешиносӣ ва айби он кӯри модарзодро ҳам дар хондан мебинӣ? Камоли ҷовандозу Наими обкаш дар умрашон чашм сӯи саҳифаи китобе набурда бошанд ҳам, пеши пояшонро бозӯр мебинанд. Вале камбин шудани чашмони Ҳасани ронанда сабаб дорад. Бечора, то ба нафақа расидан, шабу рӯз аз пушти шишаи мошини боркашон ба наздику дур нигариста, нонашро ҳалол мекард. Мегӯянд, ки тамоми умр қоидаи ҳаракати роҳро риоя карда, боре ҳам мавриди пурсиш ва супурдани ҷарима қарор нагирифтааст.

- Ба гуфти кампири Суман, ки чун табиби халқӣ эътироф шудааст ба дардмандон аз ҳар гӯшаву канор суроғаш меоянд, хурдани тухму гӯшти моҳӣ биниши чашмро хубтар мекардааст.

- Ин сухан ҷон дорад. Розиқи ҳаштодсолаи моҳипарвар ҳам ҳар гуна навиштаҷотро бе айнак мехонад. Боре ҳангоми дар маҷлиси солонаи қуҳансолони ноҳия маърӯза кардан чароғи толор хомӯш шуд. Ҳатто ҳамон муҳити нимторики вақти гоҳ монеаи сухан гуфтанаш нагашт. Ба гуфти ӯ се чизи дигар, сабзаву оби равону рӯи хуш нури чашмро меафзудааст. Гавҳараки чашмро эҳтиёт кардан хуб аст, вале гоҳо эътибори аз ҳад зиёд ҳам ба кор намеравад, шояд дигар омилҳои таъсиркунанда вуҷуд дошта бошанд, ки мо аз онҳо бехабарем. Масалан, худи ту, чашмонатро эҳтиёт карда, кам хондӣ, вале имрӯз андак дуртаро бинӣ ҳам, ин маънои бинандаро надорад. Дар ин масъала зарраи аз ҳамдигар фарқ надорем, ту ҳам айнак мегардонию ман ҳам. Ман моҳи наву ситораи ҳамроҳашро надида бошам ҳам, эҳсос ва тарзи вазиши шамол маълум, ки андак пас аз дертар шамолу борони сахт мешавад. Чӣ ҳодиса рӯй медиҳад, Худо худаш надонад, банда қудрати тасаввур кардан надорад.

- Агар як рӯз чанбари ҳокимӣ ба дастам мерасид, ҳаворо дигар ва муҳитро мисли оби борон аз олудагӣ пок мекардам. Давои дарди носозии мардумро меёфтам ва ҷаҳд менамудам, ки ҳар банда ба роҳи интихобкарда бе ташвиш қадам гузорад, касе ба касе ҳафтухат накунад, пеши ҳама зуҳуроти номатлубро гирифта, дар таъмини тантанаи адолату таъмини ҳаёти осоишта саҳм мегирифтам, - даҳонкалонӣ кард Усто Барот.

- Ба орзуи сотсиалистони хаёлӣ ҷомаи амал мепӯшонидам ё коммунизм месохтам бигӯӣ?

- Бале! Дар ҳама ҳолат, новобаста аз таҳдиду ранҷишҳо, алангаи оташи кинаву адоватро хомӯш карда, ҳақро ба ҳақдор мерасонидам. Сад афсӯс, ки инони ихтиёрро ба ноуҳдабароён медиҳанд.

- Муболиға накун. Инро ба касе гӯй, туро нашносад. Ту ҳамон як дастгоҳи кориатро, ки манбаи рӯзгузаронӣ мебошад, дар як ҳафта ҳам тоза намекунию муҳитро тағйир медиҳӣ? - Боз мехост бигӯяд, ки «Хирманкӯбӣ кори ҳар буз нест. Хонаат пур аз чӯб, рост бошӣ ҳам, як харак рост намекунӣ, ки амонат нишаста, одам барин суҳбат кунем. Ноилоҷ ҳар бегоҳ рост истода, гап мезанем, аз симчӯби сари роҳ фарқ надорем», вале озори мӯъмин ҳаром гуфта, ҳамсояашро дигар ҳадафи танқиду маломат қарор надод ва хулосаи баровардаи худро дар хазинаи ёд маҳфуз дошт: - Қудрат, ки медоштӣ, илоҷи аз нав сиёҳ гаштани мӯи сафеди ҳамон навраси дарду ранҷдидаро меёфтӣ. Ҳатто ту, малолат наояд, қудрати эҳсос кардани андуҳи падарону азоб кашидани модаронро, ки он ҳама аз носозии замону барои манфиати ҷои ҳамдигарро танг кардани одамон ва гирифтани кинаву ҳасад аз фарзандонашон барин фишорҳои номаълум шурӯъ мегардад, надорӣ. Дар кори Зоти пок заррае хато нест. Ба чашмаш қудрати ҳама аён аст. Медонад, ки инони ихтиёри ҳокимиро ба дасти кӣ супорад ва ба кӣ чӣ қадар ризқ диҳад. Наход ба тухми одам қисмат омода бошад, ки мартабаи бузургиро ба як устои дунёбехабар бибахшад?

Баъд аз муҳокимаи чандин масъалаи мубрами дигари вақт ва шунидани суханҳои безаминаву камарзиши Усто Барот аз дур овози тундар ба гӯш расид. Баробари расидани шом ҳаво сардтар шуда, вазидани шамол шиддат гирифт. Туфони бархеста ҳаворо якбора сарду тиратар карда, зиёнашро ба хатҳои барқ расонд. Аз расиши симҳо чароғҳои лаҳзае пеш фурӯзон хомӯш шуданд. Ҳамсояҳо аз ноилоҷӣ давоми баҳсу суҳбатро ба бегоҳи рӯзи дигар гузошта, роҳи хонаро пеш гирифтанд. Шаҳре, ки баробари торик шудани ҳаво нуристонро мемонд, дар аввали шаб ба зулматистон табдил ёфт ва ин ҳолат то субҳдам давом кард. Хонаҳо торик, чароғҳои роҳу кӯча ҳам мисли мурғакони дар симчӯбҳо нишаста дар ҳалқаи ноаёни торикӣ афтода, ҳамранги муҳит шуданд. Дар дуриҳо низ чароғи фурӯзоне наметофт, ки мавзеъро муаррифӣ кунад. Агар шаби маҳтобӣ ё барфӣ мебуд, шояд мушкил андак осон мешуд, атрофро дидан мумкин буд. Дили одами ба равшанӣ одаткарда ба чунин муҳит тоб наоварда, зуд роҳи аз ин варта раҳиданро меҷӯяд ва беташвиширо танҳо дар барвақт хобидан мебинад.

Баҳроми Собир ҳам баъди аз дари паҳнбари хона даромадан омадани барқро интизор нашуда, рост ба ҳуҷраи хобаш рафт. Аз баҳри хӯроки шом гузашта, нимсер сар ба болин гузошт. Хост, ки тавассути хоби ширин торикию дилтангияшро барҳам занад, қудраташ нарасид. Ба ҷогаҳ даромад, вале хобаш набурд. Дар дили торикӣ чашмони бози мисли шабчароғи камнур будаашро маҷбуран пӯшонда натавонист. Сараш аз андешаҳои мухталиф ба хонаи занбӯр мубаддал гашт. Дар ин миён гӯё ки аз нав садои Усто Баротро шунид: «Агар як рӯз чанбари ҳокимӣ ба дастам мерасид, ҳаворо дигар ва муҳитро мисли оби борон аз олудагӣ пок мекардам».

- Воҳимачӣ! Даҳон дорию халос, аз дастат хок намеояд. Абарқудратон Нозими ҳамсояат нестанд, ки баъд аз одоби гиребонгирро додан, хотир дида, гуноҳро бахшу тақсим кунанд ва боз аз ҳуҷумкарда узр ҳам пурсанд. Карими ҳамсоя ҳам роҳи оберо, ки аз байни майдони боғат гузашта, ба парвардаҳоят ҷон мебахшид, дигар кард, аз тарс чизе гуфта натавонистию муҳитро тағйир медиҳӣ? Ҳатто овози занатро, ки аз пушти кӯдакони бадфеълат қариб ҳар рӯз бо ғавғою ҷанҷол гӯши ҳамсояҳоро кар мекунанд, паст карда наметавонию муҳитро, яъне дунёро ба як тешаву арра ва рандаву чанд мех дигар мекунӣ? Ту ҳамоне нестӣ, ки соли гузашта аз зинароҳи дуқадамаи хонаат афтода, як моҳ кунҷи беморхонаро амонат гирифтӣ ва то ҳоло аз дарди устухони зону менолӣ? Магар ба ҳамон ҷони нимколаат зӯрат мерасад, ки роҳи пасту баланди дунёро ҳамвор намоӣ? Намедонӣ, ки ин роҳ дар ҳар қадамаш чандин монеаву чоҳҳои хаспӯш ва гардишу афтиш дорад, мисли чӯби дуваҷаба нест, ки ба зарби тешаву ранда монанди кафи даст ҳамвори ҳамвор созӣ. Дунёдор шерро мемонад, бо думаш бозӣ карда намешавад. Вай муҳитро ба манфиати худаш мутобиқ карда, ба чорчӯбаи қонун даровардаву тасдиқ намудааст, онаи зори тағйирдиҳанда ва барҳамзани мақсадашро нишон медиҳад. Нақшаи фардои дунё мисли нақшаи фармоишгорон нест, ки то бегоҳ аз тахтаҳояшон мизу харак созӣ. Ё то пагоҳ дари шикастаеро таъмир ё тирезаи чӯбии аз нам варамкардаеро тарошида, ҷо ба ҷо кунӣ. Онҳо аз рӯи нақшаву даромади якрӯза ва пур намудани ғори шикам кор намекунанд. Нақшаашон тасарруфу мақсадашон ҳокими мутлақи ҷаҳон шудан аст ва хоки ту барин содаи сарбасаршударо беғалбер мебезанд. Тешаатро гирифта чунон ба решаат мезананд, ки хабар намеёбӣ. Ростӣ, туро сардори хомхаёлон таъин кунанд, хато намешавад. Гоҳо домани масъалаҳоеро доштан мехоҳӣ, ки ба он дасти фаҳмат кӯтоҳӣ мекунад. Ҳар кас бояд кору вазифаи худро адо намояд. Барои ҳамин гоҳо аз ту дурӣ ҷустан мехоҳам, вале наметавонам, зеро аз ту роҳи гурез нест. Баробари сар аз дар баровардан, пеш аз раҳгузорони ношинос чашмам ба ту, ки бештари вақтро беҳуда дар роҳи кӯча мегузаронӣ, меафтад ва лаҳзаҳои холиам ба шунидани суханҳои бесарунӯги ту мегузаранд. Агар дарвозаҳои хонаҳои дигарон низ аз ҳамин тарафи роҳ мебуданд, эҳтиёҷ ба суҳбати ту ҳам намемонд. Одамеро ҳамсуҳбат интихоб мекардам, ки суханаш мағзу вазн ва мантиқ дошта, сараш аз андешаҳои пучи каҳмонанд орӣ бошад. Ту аз ин нишонаҳо маҳрумӣ ва чоҳеро мемонӣ, ки дар бисот қатраи обе ҳам надорад. Ба ту умед бастан худро ташнаҷон ба дасти марг супоридан аст. Ту надонӣ, ки барои нооромии дунё аз кадом рӯду дарё сарчашма мегирад? Ту надонӣ, ки дар бисоти ин баҳр чӣ мавҷудот аст? Ҳоло аз уқёнусу туфон ҳарф намезанам. Нодон китро моҳию тарсхӯ ғизолро паланг мепиндорад. Ба фаҳми ту низ ҳама ҷонварони обӣ ба ҳамдигар монананд. Туфонро фақат дар гардиши бод дида, қудрати эҳсос кардани муборизаҳои сархӯри мавҷу ҷондорҳои ин баҳрро надорӣ. Аз ҳоли ташналабони кишварҳои камобу биёбонҳо тамоман бехабарӣ. Бо ҷонканӣ сабзидани кавару уштурхор, дарахтони саксаулу буттаҳои газ ва растаниҳои ба ҳамин монандро намедонӣ. Дар доираи тасаввурат ҷаҳони заҳрдорон, хусусан мори боу, ки аз аждаҳо бадтар аст, намегунҷад. Агар медонистӣ, тӯдае ба мори боу тақлид карда, баъд аз ҳалқабанду нафастанг кардан сайди худро бидуни хунрезию нишона мондан ба ком фурӯ мебарад, роҳи хомӯширо пеш мегирифтӣ. Ҳоло абарқудратон пайи такмил додани лоиҳаи пешина ва дарёфтани роҳҳои дигари аз реша баркандани ниҳолони орзуи миллатҳои камқудрат ва зери тасарруфи худ даровардани қаламрави бегона мағз об карда истодаанд. Мехоҳанд, ки дунёро ба ташвишобод табдил диҳанд, ту ҳанӯз ҳам ба чӯби ноҳамворе теша зада гаштаӣ. Хулоса, ту дунёро то сарҳади чашм дида, ҳаётро саҳнаи шӯхӣ мепиндорӣ. Ин ҳама мисолҳои заминӣ буданд, ҳоло боло набаромадаем, аз осмон дури дурем. Аз ҳолату дар кадом ранг пайдоиши дунёву нуқтаи равшанаш, аз гардиши сайёраҳову муборизаву таркиши бузурги ҷирмҳои осмонӣ, ба вуҷуд омадани гармию сардӣ, хурдшавию васеъшавии қабати ҳаво ва мавҷудоти дигар ҷирмҳои осмонӣ, аз ситораҳо пайдо шудани галактика ва дигар ҳодисаҳои кайҳонӣ бо ту суҳбат кардан бесуд аст. Дар ҳузури ту, Усто Барот, аз «омезиши квантӣ» - робитаи ду заррачаи омехташуда, ки Эйнштейн зидди ин пешгӯӣ буд ва тағйир додани яке боиси тағйирёбии дигаре мегардаду дар ин миён масофа ва ҳатто аз ҳамдигар дур будани ду галактика ҳам, нақш намебозаду ба доираи фаҳмҳо намегунҷад, гап кушодан ҳайф аст. Зеро мувофиқи гуфтаи олими бузург суръати таъсирот аз суръати рӯшноӣ бештар буда наметавонад. Вале дигар олимон тавассути расадхонаҳои бузург алоқамандии ҳолати фаврӣ доштани омехтаҳоро исбот намуда, сазовори ҷоизаи Нобел гардидаанд. Мавҷҳои гравитатсионӣ, ки бидуни маънои маҷозӣ, яъне лаппиши фазову вақт низ, соли 1916 аз ҷониби Эйнштейн дар асоси назарияи нисбият пешгӯӣ шуда буд, вале баъд аз сад сол мавҷҳои мавҷуда ба таври таҷрибавӣ дар Расадхонаи лазерӣ-интерферометрӣ гравитатсионӣ-мавҷииии ИМА ба қайд гифта шуд ва барои ин таҳқиқоту тасдиқот се нафар олимони расадхона ба Ҷоизаи Нобелӣ сазовор гардида буданд.

Ҳоло илми муосир хеле пеш рафта, ҳар асрори ноаён ошкор шуда истодааст. То кашфи таҷрибавии бозони Хиггс тарзи пайдоиши массаи зарраҳои элементарӣ ва умуман ҷисмҳо ҳамчун хосияти объективии ҷисмҳо ба донишмандон маълум буд, вале «барои чӣ ҷисмҳо масса доранд» саволе буд, ки ҳанӯз беҷавоб. Соли 1964 П.У.Хиггс идеяе пешниҳод кард, ки мувофиқи мушоҳидаи ӯ масса дар натиҷаи таъсироти зарраҳои элементарӣ бо майдони махсус ба вуҷуд меояд. Баъдтар дар Коллайдери калони адронӣ заррачаи ин майдон ба таври таҷрибавӣ ошкор шуд ва Хиггс барои пешгӯии ним аср пеш соҳиби ҷоизаи Нобелӣ гардид. Кашфиётҳои мураккаб самари заҳмати даҳсолаву садсолаҳоянд, ки онҳоро пешниҳодҳои дарозумр низ номидан мумкин. Чунин кашфиётҳо далели онанд, ки қонуниятҳои ҳақиқии табиат дар микроолам (дар объекти омӯзиши физикаи квантӣ) ниҳон буда, аз макроолами ба он одаткардаи инсоният куллан фарқ мекунанд. Бовар дорам, ки ту, Усто Барот, аз асрори ҳамин олами сода ҳам хабар надорӣ. Агар доираи фаҳмат андак фарох мешуд, дар ин радду бадалҳо нусхаи ҷаҳонишавиро эҳсос мекардӣ. Худи ҳамонҳое, ки хоҳони ҷаҳонишавианду даст ба сина зада, оламро тағйир додан мехоҳанд, қудрати гирифтани пеши як садамаи заминиро надоранд. Ҳатто кадом соату рӯз ҷунбидани замин ва рух додани дигар ҳодисаҳои муҳитро аниқ гуфта наметавонанд. Онҳо фақат қудрати фиреб додани зоти худ ва ба даст овардани дороиҳои мулки мардумро доранд, ки ин рафтори ғайриинсонӣ аст. Яъне, чунин тоифа парвои мурдани дигаронро надорад ва танҳо зери шиори «бало ба паси ҳама, худамон зинда монем, шуд» қадам мезанад. Лоиҳаи ҷаҳонишавии зӯрдастон низ пайравӣ ба нусхаи чӣ гуна пайдо шудани олам аст. Парвардигор замину осмонро дар шаш рӯз бунёд карда бошад ҳам, умри ҷовидонӣ дорад, зеро дар он манфиати тамоми бандагон, новобаста аз қавму нажод ба эътибор гирифта шудааст. Вале бандагони абарқудрат ҷаҳонишавиро танҳо ба мақсади бадхоҳонаи худ омодаву маҷбуран пешкаши камқудратон карданианд. Бори фаҳми сангини худро ба тори зеҳни борики мардуми зудбовар партофта, парвои гусастанаш надоранд. Агар мақсади пасипардаашонро пай мебурдӣ, лофи беҳуда намезадӣ ва ба дидани моҳи наву ситораи ҳамроҳаш худро бинову маро кӯр пиндошта, таъкиди аблаҳонаи «гуфта будам, ки бисёр нахон»-атро дубора ба рӯям намекашидӣ. Агар болотар рафта метавонистӣ, худатро шоҳу таъбатро вазир гуфта, ҳатто кӣ будани ҳамсояатро фаромӯш мекардӣ. Ту хостӣ, ки маро дар ҷо шинонӣ, зӯрат нарасид. Ростӣ, аз ин пас бо ту суҳбат кардан ҳайф аст, бо нодон баҳс кардан ҷангро монад. Минбаъд метавонӣ, баробари шунидани овози банда, саратро аз дар набаровар-да, мисли сари сангпушт ба дарун кашӣ, фаҳмидӣ? Агар фаҳмида бошӣ, аз ман наранҷ, дӯст табарвор мегӯяду душман шакарвор. Худат медонӣ, ки ман одами дунёи ҳақиқатам. Адолатпешаам. Ҷиҳатҳои хуби шиносу бегонаро ҳам сарфи назар карда наметавонам. Ту ҳам, бо ҳама тангии дунёи андеша, аз бисёриҳо бартарӣ дорӣ, дар олами худ соҳибҳунарӣ, дуредгари чирадастӣ. Кату ҷевон ва дару тиреза сохта, мушкилоти ҳоҷатмандонро осон мекунӣ. Аз ҳама муҳимаш, одами хубу содадилӣ. Дар замир гарди кинаву адоват надоштану бори ҳазлу шӯхиро бардоштанат ба ҳама писанд аст.

Баъди дилашро холӣ ва паст кардани оташи хашму ғазаб Баҳроми Собир танҳо буданашро ҳис намуда, даст ба ҷабин бурд ва пас аз андак сукут роҳи ороми ба сарҳади гуфтугӯ гузаштанро пеш гирифт.

- Пайдост, ки ҳастӣ тафаккурро муайян мекунад. Қолаби пайкари ҳастӣ тарзе рехта шудааст, ки гоҳо одамизод ба ҳама ҷаҳду талош ба тани орзуи одӣ ҷомаи амал пӯшонида наметавонад. Сабру таҳаммул, таъхиру андешаи наздику дури ҳаёт, тарс аз пешомад ва дигар омилҳои ба ҷаҳони ботинӣ хос, монеаи сари роҳ шуда, ноаён тифли муроди фардояшро хокдаҳон мекунад. Вақти тақсимоти манзил ба худи ӯ низ чунин ҳолати фиребхӯрӣ рух дод. Аз тарҳу тарзи ҷойгиршавии хонаҳо воқиф набуд, фақат аз куҷо гузаштани хати роҳи асосии гузарро медонист. Аз пурсидан худдорӣ карда, гуфтаҳои раҳматии падари барвақт рахти сафар бастаашро: «Хонаи сари роҳ хотирмон аст, теъдоди ёру шиносро зиёд мекунад», ки аз кӯдакӣ дар гӯш садо медод, дастури хуби роҳи ҳастӣ хонда, ба ин умед таҳҷои хонаро интихоб кард. Агар аз паскӯча интихоб менамуд, дар ин торикии ваҳмангез аз рӯшании мошинҳои гузаранда ҳам маҳрум мемонд. Як шаб дар торикӣ мондан ҳеҷ гап не, боди гузаранда аст, вале ҳамсояву ҳамсуҳбати хуби доимӣ надоштан то дами аз дунё гузаштан аз рӯзи сиёҳ камтар нест. Агар аз тарафи пушти хонааш ҷо интихоб мекарду ҳамсояи Холиқзода мешуд, раддубадалшавии шабу рӯзро пай намебурд ва аз оғӯши торикӣ ҳам нури зарурриро пайдо мекард. Аз ошёни боло расидани овози набера таҳпояи мустаҳкам доштани бинои андешаашро тасдиқ намуд.

- Оча, хонае равшан метобад, аз афташ дар он тарафи кӯча барқ аст.

Ба фикрам чашмони набера аз он баландӣ ба хонаи Холиқзода Раҳим афтодааст. Кӯдаки ҳанӯз бетаҷриба фарқи нури барқро аз нури чароғи бобоӣ аз куҷо медонад? Ақлаш ҳам ба чӣ гуна гузаштани ҳар лаҳзаи ҳаёти муаллим намерасад. Кам ба кӯча баромадани олим нишонаи аз такмили илму сайқал додани ҳунар ва дур нашудани ӯ аз хазинаи дониш башорат медиҳад. Ҳазорҳо китобро мутолиа карда, ба қуллаи баланди мақсад расида бошад ҳам, худро аз хоксорӣ доно вонамуд намекунад. Марди ҳақиқӣ бояд ба инсони аз худаш як сару гардан боло тан диҳад. Ман ҳам кам нахондаам, вале дар сабқати омӯхтан аз ӯ пеш гузашта наметавонам. Кошки ҳангоми тақсимоти манзил ҳамсояи ӯ шуда, аз мактаби маърифаташ баҳра мебурдам. Корвони хаёлоти муаллим роҳи рӯзона тайкардаи ману Усто Баротро шабона гузаштааст. Боре дар маъракаи хонаводагие аз қисмати фардои халқу миллатҳо ва боби ҷаҳонишавӣ сухан рафт, ҳамнишинон фикри ӯро фаҳмиданӣ шуданд.

- Ҷаҳонишавӣ ин як рӯйдоди замони муосир нест, дар дигар шаклҳои ҷамъиятию давлатӣ таърихи қадимӣ дорад. Муҳаққиқон нишонаҳои нахустини онро аз давроне пайдо шудани ҳамсоядорию рух додани носозиҳо ва дар шакли ҷангу хунрезии қабилавию халқӣ ва тасарруфи молу мулки ҳамдигарӣ барин зуҳуроти бераҳмӣ дида, хулоса мебароваранд, ки дар ҳар дигаргунии ҷамъиятию аз сарҳади инсофу адолат баромадани салтанатдорон нишонаҳои ҷаҳонишавӣ ба мушоҳида мерасад. Оғози нақши ин саҳнаро танҳо бедорон зуд ҳис мекунанд, вале ғафлатзадагон идомаи фоҷиабораашро истиқбол мегиранд, - гуфта ба таҳлил гузашт: - Алҳол таърихи ҳафтҳазорсолаи тамаддуни давлатдорӣ танҳо ба ҳамон зинаи ҳаёти рӯзмарраи мувофиқи матлабу мақсад ороста расидааст. Ҳанӯз ҳам инсонҳо ба гузаронидани лаҳзаҳои мавҷуда овораанд ва аз хаёли пур кардани шикам фурсати ба ёд овардани бузургии дилро надоранд. Одам, ки сер шуд, фурсати молидани чашмонашро намеёбад ва пардаи бахту умедаш дар пушти пардаи хоб мемонад. Аз фориғболию бехабарӣ ба мушкилиҳои зиёди фардо рӯбарӯ гашта, мавқеи худро ба халқу ҷаҳонхоҳи дигаре медиҳад. Далелҳои таърихӣ сари чандин салтанату тамаддуни оламгирро хӯрдани муносибати нодурусти давлатҳову халқҳоро борҳо исбот карда, хулоса баровардааст, ки сабабгори ба дасти интизорон расидани муҳри ҳокимӣ маҳз иллатҳои ҷаҳонхоҳиву муборизаи гурӯҳҳои дохилианд. Ин ҳама аз умеди бепоя бастан ба фардо ибтидо гирифта, бори душвориҳои тасаввурнашавандаро ба дӯши мусофирон меафканад ва метавонад, ки тифлони орзуҳои минбаъдаро шаҳид намояд. Соҳибони хӯшаи иқболи аз дони аламҳову лолаи саҳрои умеди аз саҳрои ғамҳо рӯида ҳам, аз сабақи сарнавишт, ки таърихи таъкидкунанда гаштааст, ибрат намегиранд. Боре ҳам андеша намекунанд, ки носозиву тазод, ноумедию рӯ ба тазоҳурот овардан амалҳои номатлуби як давра набуда, эҷоди дурӯғини асрҳост. Решаҳои ин дарахти хордор дар таги хоки таърих аст ва ҳангоми муносиб афтодан ба муҳити замон аз нав сар кашида, бо хорҳояш тани андешаву мафкураҳоро захмдор ва рехтани хуни ноҳақро осон мегардонад. Тухми ин хор нахуст аз ҷониби таҳҷоиён - намояндагони худи халқу миллат корида шуда, аҷнабиёни интизор барои сарсабзияш дасти мадад дароз менамоянд.

***Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,***
***Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард.***

Ин фалсафа аз он далолат менамояд, ки худамон душмани худамонем, зеро дар саргаҳи ин моҷаро одам меистад ва чанбару роҳи минбаъдаи ин киштии ҳастӣ ба ҳукми нохудост. Киштии таърихро сӯи соҳил меронад ё тарафи мавҷҳои туфондор, касе пешгӯӣ карда наметавонад. Ин ба дарку дид ва нияти нохудо вобаста аст. Яъне, инсон дар ин росто қудрати такондиҳандаи сарнавишту эҷодгари таърих аст. Баъзан аз фориғболию беэътиборӣ ва мусичаи бегуноҳ муаррифӣ кардани худ метавонад бори макрашро ба дӯши ҳамзамони сабукфикраш партофта, боғистонашро ба доғистон мубаддал намояд. Ин масъала роҳи шарҳу хулосабарории мушкил надорад, як ҳисобу китоби одӣ ва чор амали арифметикист. То соҳибхазина шудан пасояндон метавонанд аз мероси ниёгон сарфакорона баҳра баранд ва агар худ андешаи қисмати минбаъдаро накунанд, дар ин баҳру гирдоби мухолифатҳо аз беқудратӣ нобуд мешаванд. Замони муосир метавонад мусофирро ба роҳи монеаҳои номаълуму чоҳҳои хаспӯш, ки ҳатто ҷодаи сулҳу ваҳдаташ аз ғубори ноаёни носозию ҷанг тиҳӣ нест, ҳидоят намояд. Интихоб ба фаҳму дурандешии мусофирони вақт, ки намояндагони кишварҳову миллатҳои мухталифанд, вобастагӣ дорад. Агар онҳо аз таҷрибаи талхи таърих бархӯрдор бошанд, медонанд, ки аз ин шодӣ ғаму аз ин ҷашн мотам рӯ зада, ҷои рӯсурхиро хунинҷигарӣ мегирад. Яъне, поёни ин ҷода ҳатто ба кишвари фарҳангаш ғанӣ, ки вазъи нохуби ҷуғрофию мушкилоти иқтисоду ҳарбӣ дорад, мерасад. Дар он қаламрав кори сарбозони зӯрдаст ба оташ равған рехтану ба қисмати заифон зомин шудан аст. Гоҳо тарроҳони хонумонсӯз ҳам дар ҳолати бори андешаи худро ба тори зеҳни пуртоб партофта натавонистан ба бохт дучор мешаванд ва аз ноилоҷӣ муддате худро мисли каждуми таги бӯрё гирифта, интизори баҳра бурдан аз неруи намояндагони афсуншуда мегарданд. Онҳо фарзандони кишварҳои ба домафтодаро бо роҳи эътиқодмандӣ пайи омӯзиш ба таълимгоҳҳои диёри худ даъват карда, гӯё ба рӯи онҳо дари бахту саодати фардоро мекушоянд. Дертар мақсади чӣ ёд додану ба кадом роҳ ҳидоят кардани бадхоҳон ошкор мегардад. Раванду эҳтиёҷи ҳаёт борҳо тасдиқ намудааст, ки баъзе ё аксар фарзандони ба муҳити хешу бегона унс гирифта хотирбину хизматгори ду хоҷа мешаванд ва дар ҳолатҳои номувофиқи зиндагӣ, рӯи ниёз ба дари хоҷаи бузургашон меоранд. Наздиктар шудан ба бегонаву дурӣ ҷустан аз худӣ оғози ҷаҳонишавии ҳанӯз ошкорнашуда мебошад. Баъд аз ба рӯи об баромадану ба сарҳади мақсад по мондан ин ғаввосони баҳри ҳастӣ тавассути хати кашида, обро ба саҳроҳои дигар кишварҳо равон карда, танзими иқлимро барҳам мезананд ва дар рух додани ҳодисаҳои ғайричашмдошт саҳм мегиранд. Ба умеди пурқудратӣ ва манфиати минбаъда ба рӯдҳои он кишварҳо - неруҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва динӣ оғӯши макр кушода, ба ин васила хоки мулкдорони ғафлатзадаро бе ғалбер мебезанд. Қисса кӯтоҳ, ин усули нави таърихӣ нест, осори мондаи асрҳост, ки манфиатҷӯёни замон воҳимакунон ба номи ҷаҳонишавӣ тарғибаш менамоянд, - хулоса кард Холиқзода.

Ростӣ, ба дигарон кор надорам, дар ҳамон ҳамнишинии нахустин худи ман ба фаҳму фаросат ва фарохии домани андешаи муаллим қоил шуда, баъди ба унвони худ паёми нафрат фиристондан аз дил гузаронидам:

- Гоҳо мо ҳамсояи паси девори худро, ки роҳу рафти замону илми ҷаҳонро медонад, нашинохта, аз боби ҷаҳонишавӣ баҳсу мунозира мекунем...



**Муҳаммад ҒОИБ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

# «ДАРДИ САР»-И АНДЕШАЗО

**Китоби нави шоир, нависанда ва рӯзноманигори пуркору хушсалиқа Абдулқодири Раҳим бо номи «Дарди сар» ба дастам расид. «Чӣ дарди сар Абдулқодирро сари ташвиш, андеша кашида бошад?» – гузарондам аз дил. Пеш аз ин романҳои ӯ «Рангҳо» ва «Марг»-ро, ки бо сабку услуби хос иншо шуда буданд ва тамоюли маърифатӣ доштанд, мутолиа карда будам. Абдулқодир, ки аз адабиёти паҳноварии классикӣ, сарчашмаҳои динӣ донишу маърифати зиёд андӯхтааст, осори ӯ ва қаҳрамонҳои ормонии аз биниши фаҳмиш ва баҳсу дарёфти ҳақиқат перомуни хулқу атвор дилпурона андеша меронанду амал мекунанд. Ба назарам «Дарди сар» идомаи таҳқиқи бадеии боҷуръатонаи ду асари аввал намуд.**




Абдулқодир «Дарди сар»-ро гӯё дар як нафас навиштааст, вале бандубаст, истифодаи санъатҳои бадеӣ, гуногунрангии қаҳрамонҳои армонӣ, пурмағзии муколама ва андешаву мафкураи онҳо хеле ҷолибу ҷавист. Асар бемуҳобот аз рӯҳи динӣ - дунявӣ саршор асту дар насри муосир тоза. Муаллиф сабки сурреализм (ҷодуӣ) ва реализмро бо нигориши мазҳакаву тамасхур омезиш дода, дунёи мураккабу аҷиби ботини қаҳрамонҳои гуногунхислатро, хурофотпарастӣ ва боз аз дину мазҳаб ноогоҳ будани баъзе тоифаҳои худхоҳро фош месозад ва ҷавонони ғофилу гумроҳро ба зиракӣ даъват мекунад. Нависанда зимни таҳқиқи бадеӣ донишу маърифати динии хонандаро ба дақиқназарӣ, худшиносӣ, эҳтироми расму таомул ва мазҳаби хеш ҳидоят менамояд. Риояи адлу инсоф, меҳанпарастӣ, танзими маросимро бо шиорҳои хушку холӣ не, бо ҷузъиёту далелҳо зарур мешуморад.

Нигориши асар шеваи рӯъё ва тахайюлро дорад. Дар ин замина, Файзигул қаҳрамони барои хонанда наву омӯзанда мебошад. Дониши хуби динӣ, илоҳӣ ва дунявию маърифатии муаллиф дар ин асар пурҷилост. Образи пирони хирад, аҳкоми дин дар асар серпаҳлу ва заминӣ тасвир ёфта. Зимнан, дар ин асар Абдулқодир ба масъалаи доғи замон - гаравидани баъзе ҷавонони содалавҳ, роҳгум ва кӯтоҳандеш ба равияву ҳаракатҳои хатарноки бегона, падару модар, хонавода, ҳамдиёронро шармсор ва худро бадбахту сиёҳном кардани онҳо даст зада, пайомади ногувори ин каҷравиро ҷасурона иброз доштааст. Аз мутолиаи «Дарди сар» шод шудам ва ба муаллиф офарин хондам. Ин асар андешазост ва хонандаро ба покии ботин, рафтору кирдори нек водор месозад. Бовар дорам, ки аҳли назар «Дарди сар»-ро бо чашми кам, сарсарӣ намебинанд ва оид ба паҳлуҳои гуногуни он изҳори ақида менамоянд.

Мавзӯи ҳикояҳои ин китоб ҷолиб, амали қаҳрамонҳои армонӣ омӯзандаву ибратбахш мебошанд. Ба андешаи камина, хонанда аз мутолиаи китоби нави адиби хушбаёну тозаҷӯ Абдулқодири Раҳим «Дарди сар» донишу маърифати ахлоқӣ меандӯзад.

**Абдулҳамид САМАД,**
**Нависандаи халқии Тоҷикистон**

# ДАР Ӯ ҲАМ ГАРМИИ ОТАШ ВА ТАЛХИИ ДУД АСТ

**5-уми майи соли равон дар Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ» намоиши асарҳои тозаэҷоди рассоми чирадаст Далер Миҳтоҷов таҳти унвони «Дастархони сурх» оғоз гардид. Дар он беш аз 100 асари солҳои охир эҷоднамудаи рассом ба маъраз гузошта шуд.**



Дар ифтитоҳи намоиш директори Осорхонаи миллӣ Зафаршо Иброҳимзода, ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Ҷамшед Ғанизода, Рассоми халқии Тоҷикистон Сабзаалӣ Муродзодаи Шариф, доктори илмҳои таърих Л. Додхудоева ва устоди Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов Р. Раҷабова оид ба сабки эҷоди Далер Миҳтоҷов андешаҳояшонро баён намуданд.

«Дастархони сурх» номгузорӣ гардидани намоиш бесабаб нест. Рассоми мавриди назар ба ранги сурх таваҷҷуҳи хоса беандоза дорад. Дар эҷодиёти ӯ ранги сурх шоҳи рангҳост. Бахту шодӣ, андуҳу ғам, нуру рӯшноӣ асту тирагӣ, таъми тарбуз дораду меваҳои шаҳдбор, садбарги шукуфон асту барги хазон, рухсораи зебои ёр асту хуни шаҳидон.. Ӯ дар ифодаи ҳама гуна эҳсосот аз ин ранг моҳирона истифода мебарад. Ба қавли шодравон Лоиқ Шералӣ, «дар ӯ ҳам гармии оташ, дар ӯ ҳам талхии дуд аст».

Мавзӯи офаридаҳои рассом таърихи кишвар ва табиати афсонавии он, бузургони миллат ва гармиву сардии зиндагист, ки «Рӯзи сурх», «Набзи зиндагӣ»,«Асри тиллоӣ», «Ворисон», «Фасли рангҳо», «Фишор» ва «Истиқлол» аз қабили онҳост.

**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Барои ташкили давраҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ барои кормандони ҷавони вазорат ОЗМУН эълон менамояд.**

**НАВЪИ ХИЗМАТРАСОНӢ:**

Ташкил ва гузаронидани давраҳои омӯзишии зерин:
- забони англисии сатҳи қабл аз миёна;
- забони англисии сатҳи миёна;
- забони англисии сатҳи миёнаи пешрафта;
- забони англисии сатҳи баланд;
- курси забони русӣ;
- курси забони олмонӣ;
- курси забони португалӣ.

**ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН:**

1. Дар озмун танҳо шахсони ҳуқуқие, ки барои тақдими хизматрасонии таълими забонҳои хориҷӣ аз ниҳодҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома доранд, иштирок карда метавонанд.
2. Ҷониби ширкаткунанда дар озмун бояд консепсияи умумии худро дар робита ба ташкили курсҳои зикршуда пешниҳод кунад.
3. Шахсони воқеие, ки аз ҷониби ширкаткунанда пешниҳод мешаванд, бояд дорои маълумоти олии соҳавӣ бошанд.
4. Тамоми маводи дарсии лозима барои ташкили курсҳо аз ҷониби хизматрасон таъмин карда шавад.
5. Ҷониби хизматрасон бояд ба хатмкунандагон пас аз гузаронидани имтиҳоноти миёнадаврӣ ва ниҳоӣ сертификатҳои сатҳи байналмилалӣ пешниҳод кунад.

Хоҳишмандон метавонанд пешниҳодоти худро то 22-юми майи соли 2023 ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намоянд.

**Нишонӣ**: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз - 33.

**Телефон барои тамос**: 221-99-97

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415354 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №12-и Ҷамоати деҳоти Бунҷикати ноҳияи Шаҳристон (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 2 | 415355 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳравҳои ҳудуд ва атрофи Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварии вилояти Суғд» (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1700 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 3 | 415356 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунӣ ва таъмири қитъаҳои алоҳидаи кӯчаҳои марказии шаҳри Истиқлол. Марҳилаи 2 (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5000 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 4 | 415358 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ - геологӣ ва муоинаи ҳолати техникии бино) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 5 | 415359 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии Қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ, сохтан ва васли 4 шипанги кандакории миллӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 6 | 415360 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон | Идомаи таъмири бинои шуъбаи бачагонаи Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 7 | 415361 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №1 «Офтобак»-и шаҳри Гулистон | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 31.05.2023 15:05:05 |
| 8 | 415353 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Қубурҳои полиэтиленӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 31.05.2023 16:25:25 |
| 9 | 415364 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Ламинат, фолгаи сохтмонӣ ва плинтус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 31.05.2023 17:00:00 |
| 10 | 415366 | Муассисаи давлатии «Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)»-и шаҳри Душанбе | Омехтаи шири кӯдак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 31.05.2023 17:00:00 |
| 11 | 415387 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Автогрейдер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 1.06.2023 09:51:33 |
| 12 | 415348 | Бонки миллии Тоҷикистон | Таъмири бинои шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ва сохтмони ошхона дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.06.2023 10:00:00 |
| 13 | 415388 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Турникет, терминали биометрӣ, кронштейн, коммутатор, кабел ва нармафзо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 01.06.2023 10:20:00 |
| 14 | 415389 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 39-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.06.2023 10:25:00 |
| 15 | 415390 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.06.2023 10:50:00 |
| 16 | 415391 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии солимии кӯдакон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 01.06.2023 11:45:27 |
| 17 | 415393 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Васл ва насби воситаҳои муҳофизатӣ ва аз сӯхтор воқифкунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 01.06.2023 14:00:00 |
| 18 | 415394 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмир ва азнавсозии гармхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.06.2023 14:30:00 |
| 19 | 415392 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор | Ангишт ва ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 01.06.2023 14:44:44 |
| 20 | 415342 | Бонки миллии Тоҷикистон | Васл ва насби таҷҳизот ва воситаҳои воқифкунанда аз сӯхтор дар филиали БМТ дар шаҳри Хоруғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.06.2023 08:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ

**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**ПРОЕКТ СЕЛЬСКОГО ВОДОСНАБЖЕНИЯ И САНИТАРИИ (ПСВС)**
**ГРАНТ №.: D4310-TJ**
**НАИМЕНОВАНИЕ ЗАДАНИЯ: СТРОИТЕЛЬСТВО ОБЪЕКТОВ ВСГ (ВОДОСНАБЖЕНИИ, САНИТАРИИ И ГИГИЕНЫ) В ШКОЛАХ И МЕДИЦИНСКИХ УЧРЕЖДЕНИЯХ ДЖАМОАТА ТУГАРАК ВОСЕЙСКОГО РАЙОНА**

**Номер НКТ: RWSSP-W/018-01**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) и намерена использовать часть средств на Строительство объектов ВСГ (Водоснабжении, санитарии и гигиены) в школах и медицинских учреждениях джамоата Тугарак Восейского района № RWSSP-W/018-01.

2. Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) приглашает к подаче запечатанных конкурсных предложений от правомочных участников торгов по строительству:

Строительство объектов ВСГ (Водоснабжении, санитарии и гигиены) в школах и медицинских учреждениях джамоата Тугарак Восейского района, период строительства объектов составляет 6 месяцев.

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с Руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного Банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года и августе 2018 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Правомочные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке при подаче письменной заявки по указанному адресу: г.Душанбе, ул. Н.Карабаева - 56.

5. Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением конкурсного предложения в размере: 88 000.00 сомони.

Выдача тендерных документов и просьбы о разъяснении должны быть получены Заказчиком не позднее, чем: **10 (десяти) дней** до даты вскрытия тендерных заявок. Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время с $09^{00}$ до $17^{00}$ (местное время).

**Центр Управления Проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, 4 этаж Тел.: (992372) 33 88 25; 33 13 30, E-mail: rwssp@midp.tj**

Конкурсные предложения необходимо доставить по указанному ниже адресу в указанное время или ранее $15^{00}$ по местному времени 9 июня 2023 года. Электронные торги не разрешаются. Опоздавшие конкурсные предложения будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех, желающих присутствовать, по адресу, указанному ниже в $15^{15}$ по местному времени 09 июня 2023 года.

**Комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шотемур - 27, первый этаж, кабинет 10.**

# SPECIFIC PROCUREMENT NOTICE

**REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**IMPROVEMENT OF WATER RESOURCES MANAGEMENT IN KHATLON REGION**
**Sector: Water Resources**
**PROCUREMENT OF WORKS**
**Mode of Financing:**
**OPEC Fund for International Development (OFID) Loan/ Financing No. 13829P IsDB Loan/Financing No. TJK-1013**

**Contract Title:** Modernization of Irrigation Pumping Stations –Selbur and Lenin

**ICB Reference No**. (per Procurement Plan): IWRM/ICB/CW/2 (Lot 1,2)

1. The Republic of Tajikistan has received financing from OPEC Fund for International Development (OFID) and the Islamic Development Bank (IsDB) toward the cost of Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project and intends to apply part of the proceeds toward payments under the contract for Modernization of Irrigation Pumping Stations –Selbur and Lenin, Vose district.

2. The Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan/Project Implementation Unit «DVIP», Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project now invites sealed bids from eligible bidders for Modernization of Irrigation Pumping Stations – Selbur and Lenin, Vose district with the completion period of 12-18 months.

3. The work sites are located in M. Mahmadali and Guliston jamoats of Vose district, Khatlon region. Vose district is located 160 kilometers south-east from the city of Dushanbe.

4. Description of the work: rehabilitation of pumping stations Selbur, Lenin-1, Lenin-2, Tanobchi canal and water reservoir Selbur, dismantling of old pumps and steel pipes, installation of new pumps and pipes, refurbishment of pumping stations buildings, duty and storage rooms, excavations works, electrical works, concrete lining of the channel section from monolithic reinforced concrete, etc.

5. Qualification requirements:

The Bidder must demonstrate:

● It has sufficient funds to meet the construction cash flow requirements estimated as: Lot 1: US$ 591 200.00 (five hundred ninety-one thousand two hundred US Dollars); Lot 2: US$ 309 465.00 (three hundred nine thousand four hundred sixty-five US Dollars) for the subject contract(s) net of the Bidder's other commitments;

● Minimum average annual turnover of: Lot 1: US$ 2 364 800.00 (two million three hundred sixty-four thousand eight hundred US Dollars) and Lot 2: US$ 1 237 860.00 (one million two hundred thirty-seven thousand eight hundred sixty US Dollars) calculated as total certified payments received for contracts in progress or completed, within the last three (3) years;

● Specific Construction and Contract Management Experience requirements:

Minimum one (1) similar contract in supply, installation and construction of water supply network that have been satisfactorily and substantially completed as a prime contractor, joint venture member, management contractor or sub-contractor between the 1st of January 2018 and application submission deadline, with a minimum value of: Lot 1: US$ 2 837 760.00 (two million eight hundred thirty-seven thousand seven hundred sixty US Dollars) and Lot 2: US$ 990 280.00 (nine hundred ninety thousand two hundred eighty US Dollars);

● Experience in supply, installation and construction of:

Lot 1: pumps type D2000-100 (20D-6), D2500-62 (18NDS), D1250-65 (12NDS), D630-90 (8NDv), D-6300-80 (24NDc), K8/18, VVN 1-6 or equivalent with electric motors; gate valves D300-500 mm; steel pipes D400-1020mm; transformer pressure К-63-01V-630/20U3 or equivalent; renovation of pumping station building, duty and storage rooms, dismantling and excavations works; concrete lining, electrical works, etc.

Lot 2: gate valves D100-500mm; steel pipes D1420x14mm, D1220x12mm, D1020x10mm; installation and filling of gabions with stones of size 2x1x0.5m; construction of a rectangular wall of monolithic reinforced concrete class B15 F150 W4; installation of reinforced concrete slabs with dimensions: 1.1x1.1x0.1m; installation of repairing valves DN = 1000 mm; drainage polyethylene pipes PE100, ∅315x18.7mm; renovation of the pumping station building, construction of duty house, dismantling and excavations works; concrete lining, etc.

6. Bidding will be conducted through the International Competitive Bidding (ICB) procedures as specified in IsDB's *Guidelines: Procurement of Goods, Works and related services under Islamic Development Bank Project Financing (April 2019)* («Procurement Guidelines») and is open to all eligible bidders as defined in the Procurement Guidelines.

Interested eligible bidders may obtain further information from the Project Implementation Unit «DVIP», Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project under the Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan and inspect the bidding documents during office hours *from 09:00 to 17:00 hours (Dushanbe time) from Monday to Friday* at the address given below:

Project Implementation Unit «DVIP», Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project
Attn: Mr. Rahmatzoda M., PIU Director
10 Bokhtar Str., 3rd floor, 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan
Telephone: +992 372 2278739
Facsimile number: +992 372 2278786
Electronic mail address: **piu_dvip@mail.ru**

A complete set of bidding documents in English may be purchased by interested eligible bidders upon the submission of a written application to the address above and upon payment of a nonrefundable fee of US$ 50.00 (fifty US Dollars) or equivalent in Tajik Somoni per National Bank of Tajikistan exchange rate on payment date.

The method of payment will be by direct deposit to the following accounts:

*Beneficiary: PIU «Dangara Valley Irrigation»*
*Address: 10 Bokhtar Str., 3rd floor, 734025, Dushanbe, Tajikistan*
*USD account 20206840400826101000*
*TJS account in SSB «Amonatbonk» - 20202972502353101000*
*Correspondent Account: 20402972316264*
*TIN: 010013148*
*BIC: 350101626*
*SWIFT code «ASSETJ22»*

The document will be sent by email in PDF format or provided in hard copy upon request.

Bids must be delivered to the address below on or before June 26, 2023, 15:00 (Dushanbe time). Electronic bidding will not be permitted. Late bids will be rejected. Bids will be publicly opened in the presence of the bidders' designated representatives and anyone who choose to attend at the address below on June 26, 2023, 15:00 (Dushanbe time).

All bids must be accompanied by a Bid Security in the amount of:

Lot 1: US$ 106 400.00 (one hundred six thousand four hundred US Dollars) or equivalent in Tajik Somoni (TJS) per National Bank of Tajikistan exchange rate on Bid Security issue date; and

Lot 2: US$ 37 130.00 (thirty-seven thousand one hundred thirty US Dollars) or equivalent in Tajik Somoni (TJS) per National Bank of Tajikistan exchange rate on Bid Security issue date.

The address(es) referred to above is(are):

State Committee on Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan
Street Address: 27 Shotemur Street
Floor/Room number: TBD
City: Dushanbe
Tel/Fax: (+992 37) 2218384
Web site: **www.gki.tj**

# ЭЪЛОН!

Бо Қарори иштирокчии (муассиси) ягонаи ҶДММ ТАҚХ «Тамвил» №02 аз 6-уми майи соли 2023, ҶДММ ТАҚХ «Тамвил», ки дорои РЯМ № 0310004549 ва РМА № 030015965 мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Назаршоев, ҳавлии №201 ба Бобоёрова Бунафша Лақаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 25-уми марти соли 2008 ба Сафаров Фахриддин Хушмуродович (РМА 045384103, РЯМ 0430039308) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А №00350456-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 8-уми декабри соли 2015 ба Халилова Азиза Ҳақбердиевна (санаи таваллуд - 4-уми июли соли 1999) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории №2026-и гумшуда (барои бӯстонсарой), ки онро КФБТ-и ноҳияи Шаҳринав 13-уми октябри соли 2005 бо суроғаи ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, деҳаи Балхак ба Давлатов Олимҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории №4710-и гумшуда (барои бӯстонсарой), ки онро КФБТ-и ноҳияи Шаҳринав 28-уми ноябри соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, деҳаи Балхак ба Давлатов Илҳомиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 22-юми январи соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Курганская (ҳоло А. Шукӯҳӣ), ҳавлии № 34 ба Давлатов Фозил додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории тахти қайди №2584-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ, хонаи №26 ба Хушов Шодмон ва Сирожов Баҳром додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Абдураҳмонов Аббосҷон Илҳомҷонович додааст, эътибор надорад.

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди устувори давлатдорӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котибот - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ - 238-52-97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ - 238-54-57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 майи соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35705 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97